«Тасдиқ карда шуд»
дар Маҷлиси умумии муассисон
мутобиқи Суратмаҷлиси №14/01
аз 20 феврали соли 2014

АССОТСИАТСИЯИ МИЛЛИИ ВОЛОНТЁРОНИ ТОҶИКИСТОН

# БАРНОМАИ ФАЪОЛИЯТ

Феврали 2014

Қиёмиддин Миралиев
14.02.2014

# БАРНОМАИ ФАЪОЛИЯТ

14 февраля, 2014

**МУНДАРИҶА**


I. МУҚАДДИМА ........ 3
II. МАҚСАД ........ 5
III. АФЗАЛИЯТҲО ........ 5
IV. ВАЗИФАҲО ........ 5
V. ЗАМИНАҲОИ МЕЁРИИ ҲУҚУҚӢ ........ 6
VI. РӮЙХАТИ МУАССИСОНИ АССОТСИАТСИЯ ........ 6
VII. РӮЙХАТИ НАМОЯНДАГИҲОИ АССОТСИАТСИЯ ДАР МИНТАҚАҲО ........ 7
VIII. СТРАТЕГИЯИ ФАЪОЛИЯТ ........ 7
А). ТАШАККУЛИ СИСТЕМА ........ 7
8.1. РУШДИ ҲАРАКАТИ ВОЛОНТЁРӢ ........ 7
Б). ХИЗМАТРАСОНӢ ........ 8
8.2. САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁР/АЪЗО ........ 8
8.3. НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ВОЛОНТЁР/АЪЗО ........ 9
IX. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДӢ ........ 12
X. АЪЗОГӢ ДАР АССОТСИАТСИЯ ........ 15
XI. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ АЪЗОГӢ ........ 15
XII. СЕРТИФИКАТСИЯ/ШАҲОДАТДИҲӢ ........ 16
XIII. ТАЛАБОТҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁРӢ ........ 17
XIV. МАНФИАТҲОИ ВОЛОНТЁР ........ 18
XV. ТАЛАБОТ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ АЪЗО ........ 19
XVI. МАНФИАТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ АЪЗО ........ 20
XVII. СОХТОРИ ИДОРИИ АССОТСИАТСИЯ ........ 21

# БАРНОМАИ ФАЪОЛИЯТ

14 февраля, 2014

## I. МУҚАДДИМА

Дар шароите, ки ҷомеа дар ҳоли гузариш қарор дорад, он ҳарчи бештар хамкориҳои судмандро бо дарназардошти тазотҳои ҳаёти муосир талаб менамояд.

Фаъолияти волонтёрӣ, яке аз навъҳои фаъолияти хайрхоҳонаи муосир буда, дар Тоҷикистон дар давраи гузариш ба вуҷуд омадааст.

Солҳост, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ихтиёрӣ амал мекунад, аммо дар шаклҳои гуногун. Вақте, ки як нафар мӯҳтоҷи ёрӣ мешавад, фавран ба вай кӯмаки муносиб расонида мешавад ва ё агар дар ягон деҳа ягон шахс ба сохтмони хонааш шурӯъ кунад, тамоми истиқоматкунандагони деҳа ба кӯмаки ӯ ба таври «Ҳашар» ҳозир мешаванд.

Имрӯз «Фаъолияти ихтиёрӣ» тамоман як шакли дигар дошта, аз рӯи намуди ёрӣ дастрас ва васеъ мебошад. Он бештар ба бартараф кардани мушкилоти одамон, расонидани кӯмаки хайрхоҳона ба наздикон ва ё тамоман одамони ба ӯ бегона ва мусоидат ва дастгирии одамон дар бартарафсозии мушкилоти ҳаётӣ равона гардидааст. Яъне, агар солҳои пешин «Фаъолияти ихтиёрӣ» фақат барои ҳалли мусбии ниёзи одамон равона меущд, пас имрӯз дар замони мутобиқшавӣ ба ҳаёти муосир ин намуди хизматрасонӣ бештар барои бартараф сохтани мушкилоти хусусияти манфӣ дошта равона гардидааст. Аз ҷумла, мушкилот ва омилҳое, ки ҳамарӯза бар зиддашон мубориза мебаранд, боиси фалокати одамон мегардад, давлатро коста мегардонад ва ба бетартибии ҷамъиятӣ оварда мерасонад, субъекти ин фаъолият мебошад. Мисолҳои мантиқии ин ниёзҳо, мушкилоти ҷаҳонӣ – болоравии сатҳи бемории ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, терроризм, экстремизм, фалокати экологӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ғайра шуда метавонад.

Дар Тоҷикистон, ки 70% аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, татбиқи ин механизм тадбири саривақтист. Дар замони ҷомеаи муосир муносибат ва рафтори мо нисбат ба насли ҷавон бояд махсус бошад. Чӣ хеле, ки маълум аст, имрӯз яке аз чунин муносибатҳо, ки рушди ҳаматарафаи ҷавонон ва истифодаи иқтидори онҳоро таъмин менамояд, ин ҳаракати ихтиёрӣ мебошад, ки чӣ аз лиҳози иқтисодӣ ва чӣ аз лиҳози иҷтимоӣ барои ҷамъият манфиатнок ва дастрас мебошад.

Дар Тоҷикистон миёни ҷавонон аввалин маротиба ҳаракати ихтиёриён соли 2000 ба фаъолият шурӯъ намуд. Ташаббуси аввали онҳо ба самти тарзи ҳаёти солими ҷавонон равона шуда буд.

Айни замон волонтёрон фаъолияти хешро ба самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аз ҷумла, пешгирии бемориҳои сироятӣ, тарзи ҳаёти солим, банақшагирии оила, экология, муҳити зист ва ғайра равона месозанд.

Ҳамин тавр, дар кишвар 3 гурӯҳи ҳаракати волонтёрон амал менамоянд.

**Гурӯҳи якум**, ин волонтёроне, ки аз ҳисоби ҷавонони фаъоле, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд ва ҷавонони бешуғл аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» оид ба масъалҳои пешгирии бемориҳои сироятии ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва сироятии ҷинсӣ фаъолият доранд.

**Гурӯҳи дуюм**, ин волонтёрон - дружиначиён, ки аз ҳисоби донишҷӯёни муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла варзишии кишвар, ки барои кӯмак ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмин кардани бехатарӣ дар рӯзҳои ҷашнҳо ва ё санаҳои таърихӣ, роҳпаймоиҳо, бозиҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ ҷалб карда мешаванд ва ғайра. Ин гурӯҳро «Дружиначиёни ихтиёрӣ» меноманд.

**Гурӯҳи сеюм**, ин «Ихтиёриён», ки ихтиёран ба сафи Қувваҳои Муссалаҳи кишвар шомил мегарданд. Ин гурӯҳи ҷавонон, асосан аз ҳисоби синфҳои болоии мактабҳои миёна, ҷавонони 15-17 сола ҷалб карда мешаванд. Барои ин гурӯҳи ҷавонон дар вақти адои хизмат дар сафи Қувваҳои Муссалаҳ Барномаи махсус «Ихтиёриён», ки дар доираи он сислсила чорабиниҳои маърифатӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ доир карда мешванд, амалӣ мегардад.

Новобаста аз муваффақиятҳои ноилгардида, ҳаракати волонтёрӣ дар Тоҷикистон ташаккулёфта ҳисоб намегардад, зеро он ба системаи муайянгардидаро соҳиб намебошад. Дар баробари ин, сатҳи маълумотнокии намояндагони институтҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар накш ва аҳамиятнокии фаъолияти волонтёрӣ дар ҷомеа дар сатҳи паст қарор дорад, ки ин барои рушди система монеа эҷод мекунад.

Танҳо охирҳои соли гузашта Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи волонтёрӣ» қабул гардид, ки он низ ташаккули система ва ё механизми амалисозиро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ ва бо назардошти хело муҳим будани барномаи волонтёрӣ барои давлату ҷомеа, зарурати таъсиси Ассотсиатсия миллии волонтёрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст.

## II. МАҚСАД

Беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дастрасии гурӯҳҳои осебпазир ба шуғлнокӣ, таҳсилот, саломатӣ ва таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ ва мусоидат барои иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар демократикунонии ҷомеа бо роҳи рушди ҳаракати волонтёрӣ дар кишвар.

## III. АФЗАЛИЯТҲО

I. Рушди ҳаракати волонтёрӣ
II. Хизматрасонӣ
   a. Хизматрасонии иҷтимоӣ
   b. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва маълумотнокии аҳолӣ
   c. Иштирок дар чорабиниҳои васеи оммавӣ
   d. Рушди рукнҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ
   e. Пешгирии падидаҳои номатлуб
   f. Ташаккули тарзи ҳаёти солим
   g. Ватандӯстӣ ва фарҳанги ҷавонон
   h. Ҳифзи экологӣ (табиат) ва рушди туризм
   i. Рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ

## IV. ВАЗИФАҲО

Вазифаҳои асосии Ассотсиатсия дар татбиқи мақсад ва амалигардонии афзалиятҳои интихобшуда чунин аст:

- Ташаккули системаи инкишофи ҳаракати волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Таъсиси механизми расонидани кӯмаки гуманитарии суроғавӣ ва хайрхоҳона ба гуруҳҳои осебпазир ва осебдидаи аҳолӣ;
- Беҳдоштӣ вазъи экологӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон;
- Мусоидат дар рушди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар;
- Беҳтар намудани дастрасии духтарон барои таҳсилот, бахусус барои таҳсилоти касбӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ;
- Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолии деҳот оид ба риояи гигиена (тозагӣ) ва ҳамчунин кӯмак барои обтаъминкунӣ;
- Кӯмак ва мусоидат ба таъминоти иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, алалхусус одамони дорои имкониятҳашон маҳдуд ва ҷабрдида дар сохтмони манзил, таҳсил, саломатӣ ва ғайра;

- Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии аҳолӣ доир ба падидаҳои номатлуб аз ҷумла, ҷинояткорӣ, фоҳишагӣ, хариду фурӯши одамон, нашъамандӣ, ВИЧ/СПИД ва ғайра;
- Расонидани кӯмак ба хоҷагиҳои фермерӣ, соҳибкорӣ ва дигар намуди ташкилотҳо дар ҷамъоварии ҳосил ва пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ;
- Таъмини шуғлнокии ҷавонон, бахусус донишҷуён дар айёми таътили тобистона;
- Ҷалби шахсони маъруф ва машҳургаштаи санъату фарҳанг дар ташкили чорабиниҳои хайриявӣ;
- Фаъолгардонии ҷавонон барои хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ;
- Иштирок дар амалиёти (аксияҳои) васеҳаҷм ва чорабиниҳои оммавии хусусияти умумиҷумҳуриявӣ дошта;

Татбиқи дигар вазифаҳо, ки бо мақсади Ассотсиатсия мувофиқат мекунанд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд.

## V. ЗАМИНАҲОИ МЕЁРИИ ҲУҚУҚӢ

- ✓ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи волонтёрӣ» аз 19.09.2013 №1019;
- ✓ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, аз 12.05.2007 №258;
- ✓ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»», аз 15.07.2004 №52;
- ✓ Резолютсияи СММ дар бораи таҷлили соли волонтёрӣ аз 11.02.2009 №63/153;
- ✓ Маълумотномаи СММ - волонтёрон оид ба вазифаҳо пас аз давраи соли 2015 аз 7.06.2013

## VI. РӮЙХАТИ МУАССИСОНИ АССОТСИАТСИЯ

1. Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон - Душанбе
2. ТҶ «Ҷавонони ташабусскори Тоҷикистон»" - Душанбе
3. ТҶ "Насли ҷавони Тоҷикистон" - Душанбе
4. ТҶ "Сайёраи умед" - Ёвон (Хатлон)
5. ТҶ "Имрон" - Кулоб (Хатлон)
6. ТҶ "ШОТО" - Исфара (Суғд)
7. ТҶ "Ҷавонони асри нав" – Душанбе

## VII. РӮЙХАТИ НАМОЯНДАГИҲОИ АССОТСИАТСИЯ ДАР МИНТАҚАҲО

1. ТҶ "Сайёраи умед" - Ёвон (Хатлон)
2. ТҶ "Имрон" - Кулоб (Хатлон)
3. ТҶ "ШОТО" - Исфара (Суғд)
4. ТҶ "Насли нав" - Хуҷанд (Суғд)

Ташкилотҳои (шахсони ҳуқуқӣ) дигар низ, ки аъзои Ассотсиатсия мегарданд, метавонанд мақоми намояндагиро соҳиб гарданд.

## VIII. СТРАТЕГИЯИ ФАЪОЛИЯТ

Стратегияи/фаъолияти Ассотсиатсия ба ду қисмат ҷудо мешавад, якум ташаккули система ва дуюм хизматрасонӣ, ҳар кадоме дар навбати худ ба якчанд қисмҳо ҷудо мешаванд.

### А). ТАШАККУЛИ СИСТЕМА

Қисмати аввал масоили рушди институтсионалиро, ки ба уҳдаи ҳайати Раёсати Ассотсиатсия вогузор мегардад, фаро мегирад.

### 8.1. РУШДИ ҲАРАКАТИ ВОЛОНТЁРӢ

8.1.1 Ташаккул ва таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаракати волонтёрӣ
8.1.2 Таҳия ва татбиқи механизми ҳавасмандгардонии волонтёрон
8.1.3 Таъсиси медиа-блоки ҳаракати волонтёрӣ, аз ҷумла маҳзани интернетии фаъолияти волонтёрон
8.1.4 Ташаккули системаи хизматрасонӣ
8.1.5 Рушди имкониятҳо ва таҳияи лоиҳаҳо ва навовариҳо

Барои таъмини самаранокии қонунгузории қабулгашта Ассотсиатсия барои таҳияи механизми татбиқи амалии онҳо мусоидат менамояд, аз ҷумла:

- Таҳлили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба рушди фаъолияти волонтёрӣ дар Тоҷикистон;
- Таҳияи Консепсияи амалисозии ташаббусҳои волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Таҳияи лоиҳаи Барномаи давлатӣ оид ба рушди ҳаракати волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Таҳияи маводҳои методию амалӣ, ба монанди «Дафтарчаи Волонтёр», «Шаҳодатномаи Волонтёр» ва ғайра.

## Б). ХИЗМАТРАСОНӢ

Қисмати дуюми фаъолият барои хизматрасонӣ ба гуруҳҳои мақсаднок равона гаштааст, ки он низ ба ду қисмат ҷудо мешавад, якум самтҳои фаъолияти волонтёр/аъзо ва дуюм намудҳои хизматрасонии волонтёр/аъзо мебошад.

### 8.2. САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁР/АЪЗО

Дилхоҳ шахси хоҳишмандро зарур мегардад, ки мавриди аъзо/волонтёр шудан ба Ассотсиатсия аз рӯйхати дар поён овардашудаи самтҳои фаъолияти волонтёр, яъне хизматрасонӣ ва кор яке аз самтҳоро ва ё на зиёда аз ду самтҳои фаъолиятро (хизматрасонӣ – як самт, кор – як самт) интихоб намояд.

Интихоби самти фаъолият барои шахси ихтиёрӣ (волонтёр) бояд саҳеҳ бошад, яъне он бояд бо дарназардошти сатҳи маълумотнокӣ, дониш, таҷриба, малака, қобилиятнокӣ, боварии комил ва эътимоди қаввӣ интихоб карда шавад.

8.2.1. **ХИЗМАТРАСОНӢ**
8.2.1.1. Тренерӣ/омӯзгорӣ
8.2.1.2. Машваратчигӣ
8.2.1.3. Ороишгар (дизайнерӣ)
8.2.1.4. Тарҷумонӣ
8.2.1.5. Таҳқиқотчӣ
8.2.1.6. Рӯзноманигорӣ
8.2.1.7. Роҳбаладӣ
8.2.1.8. Кӯмаки тиббӣ
8.2.1.9. Нигоҳубини ниёзмандон
8.2.1.10. Ронандагӣ

8.2.2. **КОР (кори ҷисмонӣ)**
8.2.2.1. Корҳои сохтмонӣ
8.2.2.2. Иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ
8.2.2.3. Ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ
8.2.2.4. Хизмат дар сафи Артиш
8.2.2.5. Хоҷагидорӣ
8.2.2.6. Соҳибкорӣ

## 8.3. НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ВОЛОНТЁР/АЪЗО

Дилхоҳ шахси хоҳишмандро зарур мегардад, ки мавриди аъзо/волонтёр шудан ба Ассотсиатсия як ва ё якчанд намудҳои хизматрасониро, ки дар поён оварда шудаанд интихоб намояд.

8.3.1. **Хизматрасонии иҷтимоӣ**

8.3.1.1. Кӯмаки хайрявӣ - *хизматрасонии* ***ҷисмонӣ****, молӣ ва пулӣ ба табақаҳои осебпазир ва ё ниёзманди аҳолӣ дар шакли нигоҳубин (рубучини хона, таёр кардани хӯрок, шустушӯйи либос ва ҷиҳози хона, харид ва дастрасии хӯрока ва доруворӣ ва ғайра), таъмини моддӣ, сохтмони манзил ва дигар иншооти маишӣ (барои зист) ва ғайра мувофиқи муроҷиат ва дархост;*

*Кӯмаки* ***молӣ*** *ба табақаҳои осебпазир ва ё осебдидаи аҳолӣ дар шакли расонидани молу амвол аз қабили, ҷиҳози рӯзгор/маишӣ (ошхона, ҳуҷраи хоб), либос, маводи сохтмонӣ ва ғайра тавассути намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳо ба роҳ монда мешавад;*

*Кӯмаки* ***пулӣ*** *ба табақаҳои осебпазир ва ё осебдидаи аҳолӣ дар шакли интиқоли маблағ тавассути сомонаи интернетии* www.volunteer.tj *ва ё намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳо ба роҳ монда мешавад.*

8.3.1.2. Кӯмаки машваратӣ – *хизматрасонии машваратӣ, аз ҷумла машварати психологӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ ва ғайра ба шахсони ниёзманд.*

8.3.1.3. Дастрасии гурӯҳҳои осебпазир ба таҳсил, саломатӣ, манзил ва *ғайра - муайян намудани шахсони ниёзманд ва андешидани чораҳои амалӣ (аз ҷумла, баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ бо шахсони масъули мақомоти идории маҳаллӣ) барои таъмини/дастрасии онҳо ба таҳсил, табобат, манзил ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ.*

8.3.2. **Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва маълумотнокии аҳолӣ**

8.3.2.1. Ташкили суҳбату вохӯриҳо, озмунҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ- *интихоби мушкилоти/мавзуҳои муайян ва баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ ва дар ҳамбастагӣ ба ин амалҳо омода намудани маводҳои зарурӣ ва ташкили чораҳои дигари мувофиқатсозӣ (дар ин гуна чорабиниҳо метавонанд танҳо шахсони дорои малакаи кор бо аудитория иштирок намоянд).*

8.3.2.2. Ташкили тренингҳо, семинарҳо, давраҳои омӯзишии хурд, конференсияҳо - *интихоби мавзӯъ/проблемаҳои муйаян ва баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва давраҳои омӯзишӣ ва дар ҳамин радиф омода сохтани маводҳои зарурӣ ва андешидани чораҳои дигари мувофиқатсозӣ (дар ин гуна чорабиниҳо мутахассисони ботаҷрибаи дорои маҳорати педагогӣ ширкат карда метавонад).*

8.3.2.3. Таҳияи маводҳои иттилоотӣ, варақаҳо, брошураҳо, сабтҳои аудио-видеоӣ ва ғайра – *таҳия ва ороиши (дизайни) маводҳои мухталифи иттилоотию маърифатӣ (дар ин қисмат метавонанд танҳо шахсони таҷрибадорру*

*баландихтиссос иштирок (саҳмгузорӣ) намоянд, инчунин иштироки донишҷӯёне, ки ба ин самти фаъолият майл доранд, дастгирӣ карда мешавад).*

8.3.3. **Иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ**

8.3.3.1. Иштирок дар чорабиниҳо бахшида ба ҷашнҳо ва санаҳои таърихӣ – *хизматрасонии ҷисмонӣ дар таъмини бехатарии ҷомеа, нигоҳ доштан ва дастгирии ташкили ҳамоиш, ороиши саҳна ва ғайра.*

8.3.3.2. Иштирок дар чорабиниҳои муҳими давлатӣ, ба монанди ҳашару шанбегиҳо, аксияҳо, намоишҳои тантанавӣ ва ғайра - *хизматрасонии ҷисмонӣ дар тозакунӣ ва ободонии ҷойҳои ҷамъиятӣ, дастгирии ташаббусҳои ниҳолшинонӣ, ҳамоиш ва ғайра.*

8.3.4. **Рушди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ**

8.3.4.1. Маърифатнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан ҷавонон – *ташкили чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва дар ҳамбастагӣ ба ин омода намудани васоити зарурӣ ва андешидани чораҳои мувофиқатсозӣ (дар ин қисмат танҳо мутахассисоне, ки маҳорати кор бо аудитория ва дониш хуби сиёсиву ҳуқуқиро доранд, ширкат карда метавонанд).*

8.3.4.2. Дастгирии инкишофёбӣ ва фаъолгардии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ - *таъсиси маҳфилҳои ихтиёригӣ (клубҳои волонтёрӣ) ва амалигардонии ташаббусҳо дар ҷойҳои фаъолият. Ташкили барномахои омузишӣ (тренингҳо, семинарҳо ва ғайра) ҷиҳати таҳкими иқтидорнокии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкили грантҳои хурд барои дастгирии ташаббусҳои онҳо (ин қисмат барои шахсони ботаҷрибаву соҳибмалака ва ташкилотҳои маблаггузор муайян шудааст).*

8.3.5. **Пешгирии падидаҳои номатлуб**

8.3.5.1. Пешгирии ҷинояткорӣ, фоҳишагарӣ, нашъамандӣ ва ғайра – *ташкили тадбирҳои (чорабиниҳои) мушоҳидавӣ ва иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, бахусус гурӯҳҳои хавф.*

*Мушоҳидавӣ - барои ошкор кардани сарчашмаи падидаҳои номатлуб ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳукуқ пешгирӣ кардан ва мубориза бурдан бар зидди ин зуҳуротҳо.*

*Иттилоотию - фаҳмондадиҳӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ва гуруҳҳои хавф ҷиҳати пешгирии падидаҳои номатлуб дар байни онҳо.*

8.3.5.2. Мубориза бо экстремизму терроризм - *баргузории чорабиниҳои мушоҳидавӣ ва иттилоотонию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, бахусус гуруҳҳои хавф.*

*Мушоҳидавӣ - барои ошкор кардани сарчашмаи падидаҳои номатлуб ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳукуқ пешгирӣ кардан ва мубориза бурдан бар зидди ин зуҳуротҳо.*

*Иттилоотию-фаҳмондадиҳӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ва гуруҳҳои хавф ҷиҳати пешгирии экстремизму терроризм дар байни онҳо.*

8.3.6. **Тарзи ҳаёти солим**

8.3.6.1. Баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокии аҳолӣ дар муқовиматнокӣ ба бемориҳои махсусан хавфнок (бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ВНМО/БПНМ ва ғайра) - *баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ ва бар ин васила омода намудани маводҳои зарурӣ ва ташкили дигар чораҳои мувоффиқатсозӣ дар ин самт (дар ин қисмат танҳо шахсоне, ки маҳорати хуби кор бо аудиторияро доранд, ширкат карда метавонад).*

8.3.6.2. Ҷалби омма барои шуғлнокӣ ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ- *баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ ҷиҳати фаъолгардонӣ ва шавқмандсозии аҳолӣ ба варзиш ва ташкили мусобиқаву бозиҳои варзишию оммавӣ барои бедор кардани рағбати онҳо ба варзиш (дар ин қисмат танҳо шахсоне, ки маҳорати хуби кор бо аудитория доранд, ширкат карда метавонад (ба шахсони малака ва таҷрибаи варзишӣ дошта бартарият дода мешавад).*

8.3.6.3. Пешгирии одатҳои номатлуб ва тарғиби истеъмоли дурусти хӯрок - *баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, махсусан дар байни гуруҳҳои хавфнок ҷиҳати пешгирии тамокукашӣ, майпарастӣ, токсикоманӣ (истеъмоли маводҳои заҳрнок), майли аз ҳад зиёд (мания) ба қимор ва бозиҳои компютерӣ (дар ин қисмат танҳо шахсоне, ки маҳорати хуби кор бо аудиторияро доранд ва дар ҳамин самт маълумотнок мебошанд, ширкат карда метавонад).*

8.3.7. **Трабияи ватандӯстӣ ва фарҳанги ҷавонон**

8.3.7.1. Хизмати ихтиёрӣ дар сафи қувваҳои муссаллаҳ – *дилхоҳ шахси (марди) синнусоли даъватӣ (18-27 сола) метавонад барои хизимат дар Артиш ба таври худихтиёр ариза пешниҳод намояд (дар ин сурат сарбози ихтиёрӣ ном бурда мешавад), ки дар онҷо барои ӯ шароитҳои махсуси (муосиди) адои хизмати ҳарбӣ фароҳам оварда мешавад. Пеш аз пешниҳоди ариза ба Комиссариати ҳарбӣ, зарур аст, ки шахси ихтиёрӣ шаҳодатнома ва дафтарчаи волонтёриро аз намояндагиҳои Ассотсиатсия дастрас кунад, то ин ки мавриди омодасозии ҳуҷҷатҳои алоқаманд шахсро ҳамҷун ихтиёрӣ ба қайд гиранд.*

8.3.7.2. Дастгирии ташаббусҳо барои рушди санъат, синамо ва театр - *иштирок ва саҳм гузоштан дар ҷараёни таҳия/омода намудани филмҳо, саҳнаҳои намоиши театрӣ, тадқиқотҳои журналистӣ, рассомӣ, ҳунармандӣ, кандакорӣ ва ғайра (дар ин қисмат дилхоҳ шахс, ки рағбати санъаткорӣ дошта бошад, иштирок карда метавонад, вале иштироки соҳибистеъдодон ва донишҷӯёни ин соҳа дастгирӣ карда мешавад).*

8.3.8. **Ҳифзи табиат (муҳити зист) ва рушди туризм**

8.3.8.1. Беҳтаргардонии вазъияти экологӣ, муҳити зист ва иштирок дар ободонии ҷойҳои ҷамъиятӣ - *баргузориии чорабиниҳои мушоҳиадвӣ ва иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ.*

*Мушоҳидавӣ, барои муайян кардани проблемаҳои алоқаманд ва дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдор пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба муҳити зист.*

*Маърифаткӣ, барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ ва дониши аҳолӣ дар ҳифзи муҳити зист ва рушди туризм (дар ин қисмат танҳо шахсоне, ки*

*маҳорати хуби кор бо аудиторияро доранд ва дар ҳамин самт маълумотнок мебошанд, ширкат карда метавонад).*

8.3.8.2. Мусоидат ва дастгирӣ дар амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои туристӣ, ҳамчунин иштирок дар сайёҳатҳои туристӣ – *иштирок намудан ҳамчун роҳбалад дар ташкили сайёҳатҳои туристӣ ва дигар чорабиниҳои алақаманд (дар ин қисмат танҳо шахсони дорои малакаи муоширатӣ ва дониши хуб дар соҳаи фарҳанг, ҷуғрофия ва таърихи мамлакат метавонанд иштирок кунанд).*

8.3.9. **Рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва хоҷагидории фермерӣ**

8.3.9.1. Иштирок ва кӯмаки амалӣ дар фаъолияти соҳибкории шахсони (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) эҳтиёҷманд - *хизматрасонии ҷисмонӣ (кор) ба эҳтиёҷмандон мутобиқи фармоишҳо, муроҷиатҳо ва дархостҳо.*

8.3.9.2. Расонидани кӯмаки амалӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ дар кишту кори маҳсулот ва ҷамоварии ҳосил - *хизматрасонии ҷисмонӣ (кор) ба эҳтиёҷмандон мутобиқи фармоишҳо, муроҷиатҳо ва дархостҳо.*

## IX. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДӢ

Манбаҳои маблағгузории фаъолияти Ассотсиатсия ташкил карда мешаванд, аз ҳисоби: аъзоҳақӣ (узвият), фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, грантҳои ташкилотҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, хайрия ва дигар манбаҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накарда бошад.

### 9.1. ҲАҚҚИ АЪЗОГӢ

Ҳаққи аъзогӣ аз ҳисоби ташкилотҳои аъзои Ассотсиатсия ташкил карда мешавад, яъне, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ, ки узвияти асотсиатсияро доро меобшанд.

9.1.1. **Аъзоҳаққии ташкилоти аъзо** – бо дарназардошти он ба роҳ монда мешавад, ки бо аъзо шудан ба Ассотсиатсия ташкилот аз истифодаи имконоти зерин дастёб (бархурдор) мегардад:

- ҷузъи ташаббусҳои Ассотсиатсия бошад;
- барномаҳои таҳиягашта ва дигар дастуру ҳуҷҷатҳоро дар амалисозии мақсад ва вазифаҳои худ истифода барад;
- дар таҳия ва амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои Ассотсиатсия иштирок намояд;
- барои иштирок дар озмунҳои грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ тавсия гардад;
- барои дастрасӣ ба имтиёзҳои «Волонтёр» волонтёрони худро пешбарӣ намояд;

- шароитҳои техникию барномавии фароҳам овардаи Ассотсиатсияро барои бартараф/қонеъ кардани ниёзҳои пайдошуда (ки ба қонунгузории ҷорӣ мухолифат накунанд) истифода намояд;
- аз номи (намояндагӣ кардани) Ассотсиатсия дар доираи самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасонии интихобкарда баромад намояд, агар дигар ваколати ҳамшабеҳ дар Созишнома оид ба аъзогӣ муқаррар нашуда бошад.

9.1.2. **Ташкилотҳои аъзо уҳдадор мегарданд**:

- ҳар моҳ дар ҳаҷми 10 (даҳ) доллари ИМА (баробар бо сомонӣ) аъзоҳаққӣ супоранд;
- мавриди пайдо шудани имконот ба Ассотсиатсия барои амалӣ сохтани вазифаҳои Оинномавӣ кумаки моллиявӣ ва моддӣ расонанд;
- ташаббусҳои Ассотсиатсияро дастгирӣ намуда, дар амалисозии онҳо саҳм гузоранд;
- манфиатҳои Ассотсиатсияро дастгирӣ ва ҳифз намоянд;
- дар Маҷлисҳои умумӣ ва конференсиҳои солонаи аъзоёни Ассотсиатсия иштирок намоянд.

## 9.2. ФАРМОИШҲОИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТӢ ВА ҒАЙРИДАВЛАТӢ

Фармоишҳои иҷтимоӣ дар ду ҳолатҳо, иштирок дар озмунҳо ва ҷалби фармоишҳои барномавӣ ба даст оварда мешаванд.

### 9.2.1. Иштирок дар озмунҳо

Ассотсиатсия дар доираи амалисозии вазифаҳои оинномавӣ ва барномавии худ дар озмунҳо оид ба амалигардонии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, ки асосан аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ» ба роҳ монда мешаванд, иштирок менамояд.

Барои иштироки бевосита дар амалисозии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ бо вазорату идораҳои алоқаманд созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида мешаванд.

### 9.2.2. Ҷалби фармоишҳои барномавӣ

Фармоишҳои барномавӣ бо дарназардошти иқтидорнокӣ ва таҷрибаи андухтаи (ба даст оварда) Ассотсиатсия ҷалб карда мешаванд.

Ассотсиатсия дар ҳолати устувор гардонидани иқтидорнокӣ оид ба омодагии худ барои қабули хизматрасонии иҷтимоӣ ва фармоишҳои ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ иттилоот паҳн мекунад.

Мавриди амалӣ сохтани фармоишҳои иҷтимоӣ аз арзиши умумии дилхоҳ фармоиш барои хизматрасонии идорӣ дар ҳаҷми 10% маблағ боз дошта мешавад.

## 9.3. ГРАНТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТӢ (ВАТАНӢ) ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ассотсиатсия дар доираи амалисозии вазифаҳои оинномавӣ ва барномавии худ дар озмунҳо оид ба татбиқи грантҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ, байналмилалӣ ва дигар хазинаҳо элон мегарданд, ширкат меварзад.

Барои иштироки фаъол дар амалисозии грантҳо дар заминаи Раёсати Ассотсиатсия Бахши лоиҳаҳо ва навоварӣ таъсис дода мешавад, ки самти фаъолияти он ба таҳия ва ба амал баровардани лоиҳаҳои нав равона карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, ҳамасола оид ба натиҷаи фаъолияти Ассотсиатсия нашри Маҷмӯаи ахборотӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар он барои ҷалби маблағгузорӣ (дар баробари дастовардҳо) мушкилот ва дурнамои Ассотсиатсия нишон дода мешаванд.

### 9.4. ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

Хизматрасонии иҷтимоӣ якчанд намуди кӯмакҳоро фаро мегирад, вале дар ин ҷо танҳо хизматрасонии иҷтимоӣ ба ташкилотҳои соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ дар назар дошта мешавад.

Хизматрасонии иҷтимоӣ ба ташкилотҳои соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ дар сурати муроҷиат ва дархости онҳо ба амал бароварда мешавад ва он танҳо субъектҳоеро фаро мегирад, ки дар воқеъ ба кӯмаки ҷисмонӣ ниёз дошта бошанд. Кӯмак ва хизматрасонӣ дар шаклӣ қувваи ҷисмонӣ пешкаш мегардад. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар шакли кишту кор, ғундоштани ҳосил, ҷамъоварии алафҳои доругӣ, ёрии амалӣ дар корҳои истеҳсолӣ, тоза кардани партовгоҳҳо а ғайра ба амал бароварда мешавад.

Барои хизматрасонии иҷтимоӣ аз ташкилотҳои муроҷиаткарда пардохти маблағ дар ҳаҷми 1 (як) доллари ИМА (бо сомонӣ) барои як нафар дар як рӯз муқаррар карда мешавад.

### 9.5. ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Барои устувории вазъи молиявӣ Ассотсиатсия дар доираи амалисозии вазифаҳои оинномавӣ ва барномавии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад, ки даромадҳои ба даст оварда ба пардохти хароҷоти идорӣ ва дигар хароҷотҳо равона мегардад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зарурӣ дар самти истеҳсолот ва хизматрасонӣ роҳ монда мешавад.

### 9.6. ХАЙРИЯ

Дар доираи амалисозии вазифаҳои оинномавӣ ва барномавӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои фавқуллода дар сомонаи интернетии www.volunteer.tj саҳифаи «Хайрия» кушода мешавад, ки он дар шакли шабонарӯзӣ ба кор андохта мешавад.

Дилхоҳ шахси хайрхоҳ метавонад ба ин сахифа ворид гашта, ба суратҳисоби муқарраргашта маблағи муайянро исрол намояд. Ба ғайр аз ин, барои фаъолияти хайриявии шаҳрвандон тавассути бонкҳои маҳаллӣ шароитҳо фароҳам оварда мешаванд.

Ҳамчунин, шахси хайрхоҳ метавонад кӯмаки моддию пулии худро тавассути намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳо дастрас гардонад.

## X. АЪЗОГӢ ДАР АССОТСИАТСИЯ

Аъзоёни Ташкилот шахсони воқеъӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 16 расидааст) ва ҳуқуқӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият менамоянд шуда метавонанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Ташкилот шуда метавонанд, ба шарте, ки ҷои доимии зисти/кори онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё гувоҳномаи иқомат/буду бош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.

Ба даст овардани аъзогӣ мутобиқи қарори Раёсати Ташкилот ва бо дарназардошти талабот ва меъёрҳои ҳамин Барнома ва сарфи назар аз ҷинс, нажод ва мазҳаб ба роҳ монда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хоҳишманд тавсия дода мешавад, ки пеш аз пешниҳоди ариза/дархост барои аъзогӣ бо Рӯйхати талаботҳо (бобҳои XIII ва XV) шинос шаванд.

10.1. Аъзогии шахсони воқеӣ дар Ассотсиатсия ҳамчун волонтёрӣ дар Ассотсиатсия дониста мешавад. Минбаъд дар матн барои шахсони воқеӣ аъзогӣ ва волонтёрӣ маънои ягона дорад.

10.2. Аъзогӣ дар тариқи пешниҳоди ариза/бақайдгирӣ дар сомонаи интернетии www.volunteer.tj ба роҳ монда мешавад. Дастрасии (қабули) хабарнома оиди бақайдгирӣ аз ҷониби аризадиҳанда, мақоми аъзогии шахсро (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дар Ассотсиатсия тасдиқ менамояд.

10.3. Ба шахсони хоҳишманде, ки дастрасӣ ба шабакаи интерентӣ ғайриимкон аст, метавонанд ба намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳои муроҷиат намоянд.

10.4. Дар ҷараёни бақайдгирӣ ба аризадиҳанда барои баррасӣ лоиҳаи Созишнома пешниҳод мегардад, ки тамоми масъалаҳо, аз ҷумла ухдадориҳои тарафайнро дарбар мегирад. Қабули Созишнома баробар ба имзо расонидани он мебошад, яъне розӣ будан ба шарту талаботҳои Созишнома ва тасдиқ кардани онҳо дониста мешавад.

10.5. Рӯйхати волонтёрони (аъзоёни) Ассотсиатсия дар сомонаи интернетии www.volunteer.tj чоп карда мешавад. Рӯйхат бо дарназардошти дохил ва хориҷ шудани аъзоҳо ба таври худкор нав карда мешавад.

## XI. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ АЪЗОГӢ

11.1. **Қатъ гардидани аъзогии шахс ва ё фаъолияти волонтёрӣ дар Ассотсиатсия дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад**:

11.1.1. Қатъ кардани фаъолияти волонтёрӣ аз ҷониби худи шахс/волонтёр тариқи пешниҳод кардани огоҳинома оид ба қарори қабулкарда, Дафтарча ва

Шаҳодатномаи «Волонтёр» ба Раёсати Ассотсиатсия (РА) ва ё намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳо. Дар ин ҳолат фаъолияти волонтёрии шахс аз рӯзи дастрасии (қабули) огоҳинома дарҳол (бо қарори РА) қатъ гардонида мешавад;

11.1.2. Қатъ гардонидани фаъолияти волонтёрии шахс аз ҷониби РА дар ҳолати иҷрои нагаштани шартҳои Созишнома аз тарафи волонтёр ва ё надоштани қобилияти иҷро кардани он шартҳо ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, агар волонтёр вазифаҳои бевоситаи худро мувофиқи вақт ва бурдбории муқарраргашта, яъне 24 соат дар як моҳ иҷро накунад ва ё давоми се моҳ (баробар ба 72 соат) дар як сол амал накунад, фаъолияти ӯ дарҳол қатъ карда мешавад;

11.1.3. Дар ҳолатҳои форс-мажор, ки аз тарафҳо вобастагӣ надорад;

11.1.4. Аз рӯзи қатъ гаштани фаъолияти (пеш аз мӯҳлати) волонтёрӣ шахс аз афзалиятҳо ва имтиёзҳои волонтёрӣ низ маҳрум карда мешавад.

11.2. **Қатъ гардидани аъзогии ташкилотҳо ба Ассотсиатсия дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад**:

11.2.1. Қатъ кардани аъзогӣ аз ҷониби ташкилоти аъзо тариқи пешниҳод кардани огоҳинома оид ба қарори қабулкарда ба РА ва ё намояндагиҳои Ассотсиатсия дар маҳалҳо. Дар ин ҳолат аъзогии ташкилот аз рӯзи дастрасии (қабули) огоҳинома дарҳол (бо қарори РА) қатъ гардонида мешавад;

11.2.2. Қатъ гардонидани аъзогӣ аз ҷониби РА дар ҳолати иҷрои нагаштани шартҳои Созишнома аз тарафи ташкилоти аъзо ва ё надоштани имконоти иҷро кардани он шартҳо ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, агар ташкилоти аъзо вазифаҳои бевоситаи худро мувофиқи бурдбории муқарраргашта, яъне доштани 5 (панҷ) воҳиди/волонтёри доимоамалкунанда иҷро накунад, аъзогии ӯ дарҳол қатъ карда мешавад;

11.2.3. Дар ҳолатҳои форс-мажор, ки аз тарафҳо вобастагӣ надорад;

11.2.4. Аз рӯзи қатъ гаштани аъзогӣ ташкилот аз афзалиятҳо ва имтиёзҳои аъзогӣ низ маҳрум карда мешавад.

## XII. СЕРТИФИКАТСИЯ/ШАҲОДАТДИҲӢ

Ба аъзоёни Ассотсиатсия шаҳодатнома дода мешавад, агар онҳо нишондиҳандаҳои зеринро ноил гашта/шуда бошанд:

12.1. Аъзогӣ ва ё собиқаи бефосила дар Ассотсиатсия дар мӯҳлати 2 (ду) сол оғоз аз рӯзи бақайдгирӣ;

12.2. Дафтарчаи волонтёрии (барои ташкилотҳо Ҳисоботи даврӣ) сари вақт пур карда шуда;

12.3. Иҷрои пурраи тамоми шартҳои Созишнома дар мӯҳлати муқарраргашта;

12.4. Доштани дастовардҳои назаррас ва воқеӣ (бо ҳуҷҷатҳои алоқаманд тасдиқшуда) дар марҳилаи фаъолияти волонтёрӣ/аъзогӣ.

Шаҳодатнома (Сертификат) бо дарназардошти самтҳои фаъолият, намудҳои хизматрасонӣ, таҷрибаи андухта ва хислатҳои номзад тартиб дода мешавад.

## XIII. ТАЛАБОТҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁРӢ

Шахсе, ки хоҳиши волонтёр (ба Ассотсиатсия аъзо) шуданро дорад бояд, ки қобилият ва имконоти зеринро соҳиб бошад ва ё ба ин талаботҳо мувофиқ бошад:

13.1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ», Барномаи мазкур ва дигар сандаҳои меъёрию ҳуқуқиеро, ки Ассотсиатсия ба амал мебарорад риоя кунад ва мутобиқи талаботҳои онҳо фаъолияти худро ба роҳ монад;

13.2. Тавассути сомонаи www.volunteer.tj худро ба қайд гузорад, яъне барои фаъолияти волонтёрӣ ариза диҳад;

13.3. Ба лоиҳаи Созишнома, ки дар ҷараёни бақайдгирӣ пешниҳод карда мешавад, пурра шинос шавад ва шарту талаботҳои онро қабул намояд;

13.4. Дафтарчаи волонтёриро дастрас намуда, онро мувофиқи фаъолияти волонтёрӣ сари вақт пур намояд;

13.5. Барои бемузд (бе манфиати пулию молӣ) ба манфиати (дастгирӣ ва кӯмаки) ҷомеа ва шахсони алоҳидаи ниёзманд фаъолият кардан омода бошад;

13.6. Барои кӯмаки бемузд ба гуруҳҳои осебпазир ва осебдидаи аҳолӣ ва ташкилотҳои эҳтиёҷманд хоҳиши қавӣ (сахт) дошта бошад;

13.7. Шахси хайрхоҳ, ватандӯст, таҳамулпазир, тоқатафзо ва инсондӯст бошад;

13.8. Ба Ватан, арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ эҳтироми самимӣ дошта бошад;

13.9. Қобилияти амалисозии (ва ё иштирок дар амалисозӣ) як ва ё якчанд самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасонии волонтёриро дошта бошад;

13.10. Аз бандҳои 8.2 ва 8.3 Барнома як ва якчанд самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасониро интихоб намояд;

13.11. Мутобиқи самт(ҳо)и интихобкардаи фаъолият дониш ва ё маълумотнокӣ, таҷриба ва ё қобилияти қавӣ дошта бошад;

13.12. Дар амалисозии самт(ҳо)и интихобкардаи фаъолият хоҳиши қавии баланд бардоштани қобилият, дониш ва такмили ихтисосу таҷрибаи худро дошта бошад;

13.13. Аз рӯи худ кор кунад, омӯзад ва дигар ҳамрайъонро барои пешрафт ва комёбӣ дар амалисозии самт(ҳо)и интихобкардаи фаъолият тарғиб намояд;

13.14. Барои сафарҳои хизматӣ берун аз макони зисти худ дар дилхоҳ вақт дар муҳлати то 10 рӯз омода бошад;

13.15. Барои иштирок дар даврахои омӯзишӣ (тренингҳо), таҷрибаомӯзӣ ва сафарҳои сайёҳатӣ ҷӣ дар дохил ва ҷӣ дар хориҷи кишвар омода бошад;

13.16. Дар мавридҳои маҳфуз набудани фармоишҳо ва ё вазифаҳои махсусгардонидашуда, мустақилона вазифаҳои худро мувофиқи самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасонии интихобкарда дар муҳлати 3 (се) рӯз ва ё 24 (бисту чор) соат дар як моҳ амалӣ гардонад.

Эзоҳ: пеш аз он ки ба қайд гирифта шавед, зарур аст, ки тамоми маълумоти шахсиро омода созед, аз ҷумла нусхаи Шиноснома ва расми ¾-ро омода сохта мавриди пур кардани ариза насб созед.

## XIV. МАНФИАТҲОИ ВОЛОНТЁР

Шахсе мақоми волонтёриро бо муваффақият ноил мегардад, яъне волонтёр мешавад, ба имконот ва имтиёзҳои зерин соҳиб мегардад:

14.1. Доштани шаҳодатнома (сертификат), ки саҳмгузорӣ ва фаъолнокии шахсро дар ҳал намудани мушкилоти муҳими иҷтимоии ҷамъият ва давлат инъикос менамояд;

14.2. Эътироф шудан ҳамчун шахси соҳиби дониш, малака ва таҷрибаи амалӣ дар самти муайяни фаъолият (самти фаъолияти интихобгашта);

14.3. Дастрасии имтиёзҳо барои таъмингардӣ ба ҷойи кор ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ (дар сурати ташаккул ёфтани заминаҳои ҳуқуқӣ);

14.4. Тавсия додан (гирифтани тавсиянома) барои таъмингардӣ ба ҷойи кор ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ дар хориҷи кишвар;

14.5. Таъмин (ҳавасманд) гаштан бо таҷҳизоти моддӣ, дар шакли либос, ҷӯзъдон, сумка, дастгоҳҳои аудио – видеоӣ, иттилотӣ ва сабтӣ, моводи гигиенӣ ва ғайра;

14.6. Пайдо кардани имконият ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ ба таври ройгон (бепул) дар доираи лоиҳаҳои Ассотсиатсия;

14.7. Пайдо кардани имконияти иштироки ройгон дар давраҳои махсусгардонидашудаи омӯзишӣ (семинарҳо, тренингҳо) ва дигар чорабиниҳо, ки бо ибтикори Ассостсиатсия ташкил мегарданд;

14.8. Пайдо кардани имконияти иштирок дар чорабиниҳои васеъи умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

14.9. Пайдо кардани имконияти иштирок дар мулоқотҳо бо Президенти кишвар ва шахсони маъруфу шинохта, ба монанди чемпионҳо, ситораҳои эстрада, санъат ва кино ва ғайра;

14.10. Пайдо кардани имконият барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, дониш, таҷриба ва малака дар самти фаъолияти интихобкарда;

14.11. Истифода бурдани имтиёзҳои «Волонтёр» дар фаъолияти ҳамарӯзаи меҳнатӣ ва шахсӣ (дар сурати ташаккул ёфтани заминаҳои ҳуқуқӣ);

14.12. Соҳиб гаштан ба рутбаи ҳарбӣ мавриди ихтиёран шомил шудан ба сафи қувваҳои муссаллаҳ барои хизмати ҳарбӣ (дар сурати ташаккул ёфтани заминаҳои ҳуқуқӣ);

14.13. Истифода бурдани шароитҳои техникию барномавии фароҳам овардаи Ассотсиатсия барои бартараф/қонеъ кардани ниёзҳои пайдошуда (ки ба қонунгузории ҷорӣ мухолифат накунанд);

14.14. Иштирок дар таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои ва барномаҳои Ассотсиатсия;

14.15. Даёстгирӣ ёфтан барои иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар (бо дарназардошти имконот);

14.16. Ҳавасманд гаштан дар шакли сафарҳои туристӣ ба хориҷи кишвар (барои фаъолият ва дастовардҳои назаррас);

14.17. Барои фаъолият ва дастовардҳои назаррас мутобиқ ба самти фаъолияти интихобкарда сазовор гаштан бо ифтихорнома, ҷоизаҳо ва унвонҳои фахрии давлатӣ;

14.18. Ҷузъи ташаббусҳои амалигашта будан;

14.19. Дар доираи ваколатҳои худ аз номи Ассотсиатсия баромад кардан.

## XV. ТАЛАБОТ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ АЪЗО

Ташкилотҳое, ки хоҳиши ба Ассотсиатсия аъзо шуданро доранд бояд, ки имконоти зеринро соҳиб бошанд ва ё ба ин талаботҳо мувофиқ бошанд:

15.1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ», Барномаи мазкур ва дигар сандаҳои меъёрию ҳуқуқиеро, ки Ассотсиатсия ба амал мебарорад риоя кунанд ва мутобиқи талаботҳои онҳо фаъолияти худро ба роҳ монанд;

15.2. Ҳар моҳ дар ҳаҷми 10 (даҳ) доллари ИМА баробар ба сомонӣ аъзоҳаққӣ супоранд;

15.3. На кам аз 5 воҳид/волонтёри доимофаъолияткунанда дошта бошанд;

15.4. Барои бақайдгирии волонтёрони худ дар Ассотсиатсия бо ишораи «Аз Ташкилоти «__________» (номи ташкилот) мусоидат намоянд;

15.5. Ба дилхоҳ шахси хоҳишманд барои аъзогӣ ба ҳайси волонтёр дар Ассотсиатсия мусоидат намоянд;

15.6. Ба волонтёрони Ассотсиатсия дар амалисозии вазифаҳои нақшавӣ кӯмак расонанд;

15.7. Мавриди пайдо шудани имконот ба Ассотсиатсия барои амалӣ сохтани вазифаҳои Оинномавӣ кӯмаки моллиявӣ ва моддӣ расонанд;

15.8. Ташаббусҳои Ассотсиатсияро дастгирӣ намуда, дар амалисозии онҳо саҳм гузоранд;

15.9. Манфиатҳои Ассотсиатсияро дастгирӣ ва ҳифз намоянд;

15.10. Дар Маҷлисҳои умумӣ ва конференсиҳои солонаи аъзоёни Ассотсиатсия иштирок намоянд;

15.11. Аз бандҳои 8.2 ва 8.3 Барнома самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасониро интихоб намоянд;

15.12. Мутобиқи самти интихобкардаи фаъолият таҷриба дошта бошанд ва мутаносибан иқтидорнокии ташкилотро устувор созанд;

15.13. Дар даврахои омӯзишӣ/тренингхо, таҷрибаомӯзӣ ва сайёҳатҳои туристӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар иштирок намоянд;

15.14. Дар мавридҳои маҳфуз набудани вазифаҳои махсусгардонидашуда, мустақилона вазифаҳои худро мувофиқи самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасонии интихобкарда ба амал бароранд;

15.15. Аз натиҷаи фаъолият ҳар моҳ ҳисобот пешниҳод намоянд.

Эзоҳ: пеш аз он ки ба қайд гирифта шавед, зарур аст, ки тамоми маълумотро дар бораи ташкилот омода созед, аз ҷумла нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, нусхаи шиносномаи роҳбари Ташкилот ва рӯйхати волонтёрон.

## XVI. МАНФИАТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ АЪЗО

Ташкилоте, ки аъзои Ассотсиатсия мегардад ба имконот ва имтиёзҳои зерин соҳиб мегардад:

16.1. Баромад кардан аз номи (намояндагӣ кардани) Ассотсиатсия дар доираи самтҳои фаъолият ва намудҳои хизматрасонии интихобкарда, агар дигар ваколати ҳамшабеҳ дар созишнома оид ба аъзогӣ муқаррар нашуда бошад;

16.2. Ҷузъи ташаббусҳои Ассотсиатсия бошад;

16.3. Барномаҳои таҳиягашта ва дигар дастуру ҳуҷҷатҳоро дар амалисозии мақсад ва вазифаҳои худ истифода барад;

16.4. Дар таҳия ва амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои Ассотсиатсия иштирок намояд;

16.5. Пайдо кардани имконияти иштирок дар чорабиниҳои васеи умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

16.6. Тавсия гардидан барои иштирок дар озмунҳои грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ;

16.7. Барои фаъолият, саҳми ва дастовардҳои назаррас мутобиқ ба самти фаъолияти интихобкарда сазовор гаштан бо ифтихорнома, ҷоизаҳо ва унвонҳои фахрии давлатӣ;

16.8. Пешбарӣ кардани волонтёрони худ барои дастрасӣ ба имтиёзҳои Волонтёр;

16.9. Истифода бурдани шароитҳои техникию барномавии фароҳам овардаи Ассотсиатсия барои бартараф/қонеъ кардани ниёзҳои пайдошуда (ки ба қонунгузории ҷорӣ мухолифат накунанд).

# XVII. СОХТОРИ ИДОРИИ АССОТСИАТСИЯ

